# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст**.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии эронӣ, ба хусус тоҷикиву яғнобӣ доир ба таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл то имрӯз пажуҳиши алоҳидаву мукаммал сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, ҳаллу фасли ҳаматарафа ва доманадори ин категорияи феъл метавонад ба бисёр нуктаҳои печидаи масоили марбут ба ин ҳиссаи нутқ рӯшанӣ андозад.

Дар тули вуҷуди сеҳазорсолаи худ забонҳои эронӣ роҳи мураккабу пурпечутоберо паси сар карда, дар сохтори бархе аз онҳо мисли тоҷикӣ тағйироти ҷиддии сифатӣ рӯй дод ва таҳаввулоти бавуқуъомада боиси аз бисёр вижагии куҳани худ маҳрум шудани забони тазаккурёфта гардид, дар ҳоле ки дар бархе забонҳои дигари эронӣ амсоли яғнобӣ ин гуна хусусиятҳои бостонӣ пойдор монданд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Рамазонӣ Саидназарович маҳз ҳамин инкишофи нобаробари забонҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикиву яғнобӣ дар мисоли таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл баррасӣ шудааст.

Самадов Р.С. соли 2013-ум ба ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро соли 2017-ум хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2019-ум бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 2021-2024-ум ба ҳайси докторант (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯи ихтисоси 6D020500- Филология таҳсил кардааст.

Номбурда фаъолияти меҳнатияшро соли 2017- ум ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №32-юми ноҳияи Спитамени

вилояти Суғд оғоз намуда, солҳои 2019-2021-ум омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №5-уми ноҳияи Зафаробод, солҳои 2021-2022-юм омӯзгори кафедраи филология ва ҷомеашиносии МДТ-и “Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Зафаробод”, солҳои 2023-2025-ум декани факултети гуманитарии коллеҷи зикршуда фаъолият намудааст. Аз 5-уми феврали соли 2025-ум то ҳол вазифаи муовини директори бахши таълиму тарбияи муассисаи мазкурро бар дӯш дорад.

Кори диссертатсионии Самадов Р.С. аз муқаддима, се боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардидааст ва объекту мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум**, ки «**Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл**» ном дошта, фарогири ду фаслу ёздаҳ зерфасл аст, муаллифи диссертатсия бо мақсади нишон додани сарчашмаи пайдоиши унсури замонсози феъл мавсум ба “аугмент” замони корбурди онро дар забон-асоси ҳиндуаврупоӣ ва сайри таърихии минбаъдаашро дар иддае аз забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ мисли юнонӣ, арманӣ, санскрит, ведоӣ ва монанди инҳо ба риштаи таҳлил кашида, баъдан нақши муҳим доштани онро дар бунёди замони гузаштаи феъли забонҳои эронии бостон (монанди порсии қадим ва авестоӣ), эронии миёнаи шарқӣ (амсоли суғдиву хоразмӣ) ва эронии миёнаи ғарбӣ (чун порсии миёна) баррасӣ кардааст.

Аз таҳлил диссертант ба чунин бардоште расидааст, ки дар гузаштаи дур аугмент бо сабаби вуҷуд доштани танҳо як асоси замонӣ он ба оғози асоси замони ҳозираи феъл (дар сурати сода будани он), ё байни пешванди феълсоз ва асоси замони ҳозира (ҳангоми сохта будани феъл) замима гардида, боиси ташаккул ёфтани замони гузаштаи феъл мешуд.

**Дар боби дуюм «Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ»**, ки шомили ду фасл ва шаш зерфасл аст, унвонҷӯ нахуст пойдормонии ин унсури замонсозро дар забонҳои муосири толишӣ ва яғнобӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, баъдан вижагиҳои корбурди онро дар забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ баррасӣ намудааст. Чунин иқдомро диссертант ба он хотир пеш гирифтааст, ки дараҷаи умумияту тафовути корбурди аугментро дар суғдӣ ва идомаи яке аз гӯишҳои он –яғнобӣ нишон диҳад.

Боби мазкур бо баррасии мавқеи аугмент дар феълҳои гуногунсохтори яғнобӣ ба итмом мерасад.

**Дар боби сеюм**, ки «**Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ**» фарогири ҳафт фасл аст, унвонҷӯ усули сохташавии шаклҳои замони гузаштаи сода, ҳикоягӣ, дур, дури давомдор (муайян)-и сиғаи хабарӣ; шаклҳои нақлии замони гузаштаи феъли сиғаи хабарӣ; хусусиятҳои ташаккули замони гузаштаи сиғаҳои шартӣ-хоҳишмандӣ ва эҳтимолиро дар ду забони хеш, вале ба шохаҳои шарқиву ғарбии забонҳои эронӣ мансубро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Таҳлил диссертантро ба бардоште водор кардааст, ки дар қиёс бо забони тоҷикӣ, ки ифодаи шаклҳои замони гузаштаи феъл бо ёрии воситаҳои мухталифи грамматикӣ сурат мегирад, дар забони яғнобӣ онҳо инкишофи густарда надоранд, аммо назар ба тоҷикӣ дар забони яғнобӣ аугмент ҳамчун унсури фаъоли созандаи замони гузаштаи феъл густариш дорад.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021-ум, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:доктори илмҳои филологӣ,
порфессори кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии
\Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳасанзода А.А.
«03» 02 соли 2025-ум

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 15-ум,
ҳавлии 85-ум
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

Имзои профессор Ҳасанзода Абдуҷамол
Ашрафро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода Заррина Сайдулло

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj «03» 02 соли 2025-ум